# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ)**

Ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI дар заминаи тағйироти амиқи сиёсиву сохторӣ ташаккул ёфт, ки ин раванд ба тағйирёбии низоми иқтисод, гузариш аз модели фармондеҳиву маъмурӣ ба муносибатҳои бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ ва бозсозии соҳаҳои асосии иҷтимоӣ мусоидат намуд. Дар пайи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият, иқтисодиёти кишвар бо бӯҳронҳои сахти молиявӣ, коҳиши истеҳсолот, тағйири шаклҳои моликият ва зарурати ташкили бозорҳои нав рӯбарӯ гардид. Ҳамзамон, равандҳои иҷтимоӣ низ таҳти таъсири ҷараёнҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ қарор гирифта, сатҳи зиндагӣ, бозори меҳнат, муҳоҷират, низоми маорифу тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба тағйироти ҷиддӣ ниёз пайдо карданд. Аз миёнаи солҳои 2000-ум ба ин тараф, татбиқи ислоҳот, барномаҳои давлатӣ ва мутобиқсозии иқтисод ба талаботи ҷаҳони муосир шароит фароҳам овард, ки Тоҷикистон ба марҳалаи устувории иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ ворид гардад.

Дар натиҷа, ин равандҳо ба тадриҷ устувор гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, густариши инфрасохтори нақлиётиву энергетикӣ ва такмил ёфтани заминаҳои ҳуқуқии рушди иқтисод мусоидат карданд. Дар соҳаи иҷтимоӣ низ, бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, динамикаи беҳбудии нишондиҳандаҳои зиндагии аҳолӣ, тақвияти сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ, раванди ислоҳоти низоми маорифу тандурустӣ ва баланд гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида расид. Дар маҷмуъ, давраи дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI барои Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи гузариш аз сохтори идории шӯравӣ ба модели нави давлатдории миллӣ ва иқтисоди бозорӣ арзёбӣ мегардад, ки асосҳои рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишварро пояillustrated гузорӣ намуд.

Дар ин замина таҳқиқ ва таҳлили мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI» дар шароити кунунии кишвари мо мубрам ва зарур арзёбӣ шуда, ҳамчун мавзуи кори диссертатсионӣ интихоб гардидани он мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар автореферати диссертатсия **Тиллозода Анваршо Абдулҳақ** зикр менамояд, равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ маълум мешавад, ки масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1985–2016 аҳамияти хосса ва ҷойгоҳи муайянкунандаи худ доранд. Ин аҳамият аз он бармеояд, ки солҳои мазкур давраи пуртаҳаввул буда, аз давраи бозсозӣ фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ оғоз шуда, ба даст овардани истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ, марҳалаи барқарорсозӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташаккули заминаҳои нави иҷтимоиву институтсионалиро дар бар мегирад. Маҳз ҳамин омилҳо боис мегарданд, ки таҳқиқи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар ин фосилаи таърихӣ зарур дониста мешавад, зеро онҳо ба шаклгирии сиёсатҳои давлатӣ, сатҳи зиндагӣ, низоми иқтисодӣ ва ба куллӣ самти инкишофи минбаъдаи ҷомеа таъсири мустақим гузоштанд.

Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба мухтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат матни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мутобиқи меъёрҳои муайяннамуда барои таҳияи диссертатсияҳо ва автореферати диссертатсия мебшад.

Новобаста аз муваффақиятҳо дар автореферат як қатор камбудиҳоро мушоҳида намудан мумкин мебошад:

1. Автореферат ба забони хуби илмӣ омода гардидааст, аммо дар он боз ҳам хатогиҳои имлоиву услубӣ ба мушоҳида мерасад;

2. Ҳаҷми автореферат ба талаботҳои таҳияи автореферат мувофиқ мебошад, маълумоти дар бораи бобҳои диссертатсия васеътар дода шудааст, аммо хуб мебуд маълумотҳои дар бораи бобҳоро мушахастар менамуд. Аммо, эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи Тиллозода А. А. мазмуни пурраи кори илмияшро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Тиллозода Анваршо Абдулҳақ** дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти

дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru

**Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

22.12.2025

Нишонӣ: 735717, ш. Хуҷанд, микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru